آواز تاجیک

*Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

14 январи соли 2026
Чоршанбе
№ 4 (15223)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ВАЗИФАҲОИ ТАҲКИМИ МИНБАЪДАИ АМНИЯТ ВА МУДОФИА БАРРАСӢ ШУДАНД

**13 январ таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон, Сарфармондеҳи олии Қувваҳои Мусаллаҳ Шавкат Мирзиёев оид ба масъалаҳои таҳкими амнияти ҳарбӣ ва мудофиаи мамлакат ҷамъомади васеи Шўрои амният баргузор гардид.**





Дар чорабинӣ аъзои Шўрои амнияти назди Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон, Девони Вазирон, роҳбарони вазорату идораҳое, ки ба ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳ дохиланд, фармондеҳони округҳои ҳарбӣ, роҳбарони секторҳои ҳарбӣ-маъмурӣ, инчунин намояндагони дигар идора ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ иштирок намуданд.

Тўли солҳои гузашта ҷиҳати таҳкими иқтидори мудофиавии кишвар корҳои шоиста амалӣ гардиданд.

Артиши миллии мо бо силоҳу техникаи муосир таъмин мегардад. Сатҳи омодагии ҷангӣ ва маънавию рўҳии хидматчиёни ҳарбӣ пайваста боло меравад, иқтидори саноати мудофиа мустаҳкам мешавад.

Дар қўшунҳои Вазорати мудофиа усулҳои нави тактикӣ ҷорӣ гардида, шумора ва шиддати машқҳо 1,5 баробар афзуд, шуъбаҳои ҳавопаймоҳои бесарнишин ва марказҳои омодасозии мутахассисон таъсис ёфтанд.

Дар натиҷаи корҳое, ки бобати рақамисозии артиш оғоз ёфтанд, самарадории амнияти иттилоотӣ, идоракунӣ ва хидматрасониҳо ба таври назаррас афзоиш ёфт.

Бо ташаббуси Сардори давлат низоми таҳсилоти ҳарбӣ куллан нав гардида, Донишгоҳи амнияти ҳарбӣ ва мудофиа бо ҳайати профессор-устодону инструкторони баландихтисос таъсис ёфт.

Дар раванди таълим ҷорӣ гардидани технологияҳои пешрафтаи рақамии таҳсил, аз ҷумла низомҳо дар пояи зеҳни сунъӣ ва усулҳои муосири баҳогузорӣ, сифати омода намудани кадрҳои ҳарбиро ба марҳилаи нав баровард.

Дар ҷамъомад вазифаҳои афзалиятноки таъмини амнияти мамлакат ва таҳкими иқтидори мудофиа баррасӣ шуданд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# САРФАРМОНДЕҲИ ОЛӢ БА САТҲИ ОМОДАГИИ ЗЕРҚИСМҲО БАҲОИ БАЛАНД ДОД

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон, Сарфармондеҳи олии Қувваҳои Мусаллаҳ Шавкат Мирзиёев 13 январ бо иншооти низоми Вазорати мудофиа шинос гардид.**

Аввал Сардори давлат аз заводи таъмири ҳавопаймоҳои Чирчиқ боздид ба амал овард.

Президент бо натиҷаҳои модернизатсияи густурдаи корхона ва фаъолияти воҳидҳои нави баландтехнологӣ шинос шуд.

Дар пойгоҳи завод маркази хидматрасонӣ ба чархболҳои «Airbus»-и дар қаламрави ИДМ ва минтақаи мо ягона таъсис дода шудааст.

Марказ аз ҷониби ширкати фаронсавии «Airbus» сертификатсия шуда, сатҳи баланди ташкилёбии фаъолияти истеҳсолӣ ва мувофиқат ба стандартҳои байналмилалӣ ва талаботи истеҳсолкунандаро собит кард. Дар ин ҷо давраи пурраи хидматрасонӣ ва таъмири техникаи замонавии ғарбӣ, аз ҷумла чархболҳои моделҳои Н-125, Н-215 ва Н-130 роҳандозӣ шудааст.

Марказ имкон медиҳад, ки Ўзбекистон ба маркази калидии минтақавӣ барои хидматрасонӣ ва истифодаи чархболҳои Airbus табдил ёбад.

Сардори давлат бо имкониятҳои марказ шинос шуда, бо мутахассисон суҳбат анҷом дод.

Дар ҳамин ҷо ба Президент фаъолияти сехҳои навсозишудаи завод оид ба таъмири асосӣ ва таҷдиди амиқи ҳавопаймоҳои низомии Су-25 муаррифӣ шуд. Бо шарофати ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта ҳоло дар корхона насби системаҳои нави навигатсионӣ, таҷҳизоти шабнамо ва маҷмўаҳои ҳимояи болопўши техникии ҳавопаймо амалӣ мешавад.

Аз рўи натиҷаҳои боздид Президент вазифаҳои рушди минбаъдаи иқтидори комплекси саноати дифоии кишварро пеш гузошт.

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон, Сарфармондеҳи олии Қувваҳои Мусаллаҳ Шавкат Мирзиёев бо кори полигони Қувваҳои амалиёти махсус дар вилояти Тошканд шинос шуд.

Бо ташаббуси Президенти мамлакат дар солҳои охир дар ҳамаи майдонҳои таълимии саҳроӣ ва қисмҳои ҳарбии Вазорати мудофиа корҳои модернизатсия гузаронида шуда, онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқ гардонида шуданд.

Полигони нави Қувваҳои амалиёти махсус, ки бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ ва равандҳои замонавии тайёр кардани қувваҳо ташкил шудааст ва имкон медиҳад, ки омодагии самараноки воҳидҳои махсус ба роҳ монда шавад, идомаи мантиқии ин корҳо мебошад.

Дар объектҳои полигон барои такмил додани малакаҳои ҷангии ҳайати шахсӣ, ба роҳ мондани машғулоти тайёрӣ ва баланд бардоштани устувории маънавӣ ва рўҳӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

Сардори давлат бо усулҳои нав оид ба ташкил кардани машқҳои ҷангӣ ва махсус шинос шуда, марҳилаи фаъоли машқҳоро, ки бо ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ баргузор мешуданд, мушоҳида кард.

Дар рафти машқ қобилиятҳои ҷангии воҳидҳои низомии ба артишҳои гуногун тааллуқдошта ва сатҳи ҳамоҳангсозии амалҳои муштараки онҳо, инчунин системаҳои нави рақамии фармондеҳии нерўҳо ва силоҳҳо намоиш дода шуданд.

Усулҳо ва роҳҳои самараноки истифодаи ҳавопаймоҳои бесарнишин дар амалиёти гуногуни ҷангӣ, ҳамоҳангии амалҳои десанти ҳавоӣ, артиллерия, авиатсия, системаи дифои ҳавоӣ ва қувваҳои заминӣ дар рафти иҷрои вазифаҳои гуногуни таълимӣ-ҷангӣ нишон дода шуданд.

Дар ҳамин ҳол ба арзёбии сатҳи малакаи қабули қарорҳои мустақил ва маҳорати идоракунии фармондеҳони хурд бо истифода аз технологияҳои муосири рақамӣ, ҳамчунин маҳорати касбии ҳарбӣ дар истифодаи самараноки силоҳ ва техникаи муосир дар шароити зуд тағйирёбии вазъияти ҷангӣ таваҷҷуҳи махсус дода шуд.

Дар анҷоми машқ Сарфармондеҳи олии Қувваҳои Мусаллаҳ ба сатҳи омодабошӣ ва ҳамоҳангии амалҳои муштараки воҳидҳо баҳои баланд дод.

Дар суҳбат бо ҳайати фармондеҳии Қувваҳои Мусаллаҳ Сардори давлат таъкид кард, ки дар давраи ноороми имрўза, ки таҳдидҳо ба амнияти ҷаҳонӣ афзуда истодаанд, тақвияти минбаъдаи иқтидори Қувваҳои Мусаллаҳ бо такмил додани маҳорати касбӣ, ҳамчунин таъмин намудани якпорчагии халқ ва артиш ва тарбияи ҷавонон дар рўҳияи ватанпарастӣ бояд асоси ислоҳоти низомӣ бошад.

Пас аз ин, Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон, Сарфармондеҳи олии Қувваҳои Мусаллаҳ Шавкат Мирзиёев ба технопарки Чирчиқ ташриф овард ва бо фаъолияти корхонаҳои саноати дифо шинос шуд.

Дар ин ҷо истеҳсоли техникаи зиреҳпўшида ва махсус, ҳамчунин чанд намуди модулҳои ҷангии фосилавӣ идорашаванда, ки бо имкониятҳои пешрафта ва хусусиятҳои техникии замонавӣ фарқ мекунанд, ба роҳ монда шудааст.

Ин роҳҳалҳо қобилияти таъқиб ва нест кардани ҳадафҳои ҳаракаткунанда ва статсионариро, аз ҷумла дар шароити маҳдудияти биниш таъмин менамоянд ва бо системаҳои автоматии идоракунӣ, стабилизатсия, мушоҳидаи оптикӣ ва акустикӣ, ҳамчунин бо воситаҳои муосири роҳёбӣ муҷаҳҳаз мебошанд.

Ба Сардори давлат дар бораи давраи истеҳсолӣ маълумот пешниҳод карда шуд, ки он ҷамъоварии ҷузъҳои асосӣ, насби системаҳои оптико-электронӣ ва стабилизатсионӣ, танзими барномавӣ ва назорати герметикӣ, ҳамгироӣ бо аслиҳа ва гузаронидани озмоишҳои комплексиро дар бар мегирад. Марҳилаи ниҳоӣ насби модулҳои омода ба намунаҳои техникаи сабуки зиреҳпўш ва санҷиши онҳо дар шароити полигон мебошад.

Модулҳои ҷангӣ барои муҷаҳҳаз кардани платформаҳои гуногун, аз ҷумла техникаи сабуки зиреҳпўш, мошинҳои махсус, киштиҳо ва боркашҳои зиреҳпўш пешбинӣ шудаанд.

Татбиқи лоиҳа дар ҳамкорӣ бо як қатор шариконни хориҷӣ, ҳамчунин бо иштироки вазорат ва корхонаҳои саноатии соҳа амалӣ мешавад.

Ҳамаи ин ба зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти баландтехнологӣ, фароҳам овардани ҷойҳои корӣ ва ташкили пойгоҳи саноатӣ ва технологӣ дар корхонаҳои саноати дифоии ватанӣ мусоидат мекунад.

Сардори давлат аҳамияти риояи қатъӣ ба талаботи сифату эътимоднокии маҳсулот, пайваста васеъ намудани маҳаллигардонӣ, рушди малакаҳои муҳандисӣ ва тақвияти ҳамкории саноатиро таъкид намуд ва ба сохторҳои масъул дастурҳои дахлдор дод.

**ЎзА.**

***Маълум аст, ки дар мамлакатамон ба аҳолӣ наздик кардани соҳаи тандурустӣ, барои беморон фароҳам овардани имкониятҳои қулай, аз ҷумла наздик кардани роҳи муолиҷа хусусан аз ташвиши сафари хориҷа раҳондани онҳо талаби замон аст.***

# АВВАЛИН ҶАРРОҲӢ: ПАЙВАНДИ ҶИГАР ДАР БУХОРО

Дар арафаи Соли нав дар Бухоро бори аввал сурат гирифтани трансплантатсияи ҷигар бо ҳамин мақсад ба амал омад. Сокини ноҳияи Олот Воҳидҷон Назаров чанд сол боз ба маризии сиррози ҷигар гирифтор шуда, барои муолиҷа азму кўшиши зиёд кард.

Таклифи маъмурияти шуъбаи вилоятии Маркази амалии ёрии таъҷилии тиббии ҷумҳурӣ дар дили ў шарораҳои умед ҳосил намуд ва ў ба амалиёти ҷарроҳии мураккаб дар ҳамин муолиҷагоҳ розӣ шуд. Ҳамсари меҳрубонаш чун донор интихоб гардид. Вай баҳри аз маризӣ раҳонидани шавҳараш ба бахшидани пораи ҷигараш омода будани худро маълум кард. Ҳамин тариқ ҷараёни ҷарроҳӣ қариб даҳ соат давом кард. Ин амалиёт аз ҷониби трансплантологи Маркази миллии тиббӣ Ҷасур Собиров ва шифокори Эрон Сомон Некиҳболиён бо иштироки ҷарроҳони бухороӣ ҷомаи амал пўшид. Аз байн аз ду ҳафта вақт гузашт. Ҳоло вазъи саломатии бемор ва донор мўътадил аст. Онҳо таҳти назорати духтурон муолиҷаи зарурӣ мегиранд.

Ба қарибӣ дар ҳамин муолиҷагоҳ ҷарроҳии навбатии пайванди ҷигар ба амал омад.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# «ҲАФТГОНАИ МАҲАЛЛА» — ҚАДАМИ АВВАЛИНИ РУШДИ МИНТАҚА

***Дар ҳокимияти ноҳияи Кармана ҷаласаи васеи таҳлилӣ баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои рушди иҷтимоӣ иқтисодии ҳудуд, корҳои ободонӣ, интизоми андоз ва кор бо муроҷиатҳои аҳолӣ баррасӣ шуданд.***

Дар ҷаласа роҳбарони ташкилотҳои ноҳия, намояндагони дахлдори «ҳафтгонаи маҳалла» ва масъулони соҳа иштирок карданд.

Дар оғози ҷаласа ҳокими ноҳия Шоҳрух Болтаев ба раиси маҳаллаи «Арғун», фаъоли занону духтарони маҳаллаи «Бешкент», роҳбари ҷавонони маҳаллаи «Арабхона» барои иҷрои софдилонаи вазифаҳо, инчунин барои талошҳои фидокоронаашон ҷиҳати фаровонии мардум ва рушди маҳалла сипосномa ва тўҳфаҳои хотиравӣ супорид.

Ҳолати корҳои ободонӣ ва сабзкорӣ баррасӣ гардид. Дар баъзе ҳудудҳо масъалаҳои тозагӣ, корҳои ҳашар дар кўчаҳо ва ҷойҳои ҷамъиятӣ танқид шуданд. Шоҳрух Болтаев ба масъулон супоришҳои мушаххас дод, ки корҳои мавсимии ободониро сари вақт ва бо сифати баланд анҷом диҳанд, инчунин корҳои кандани ҷўйборҳо ва таваҷҷуҳ ба ободонии ҳудудҳоро пурзўр намоянд. Ҳамзамон, масъалаи интизом дар пардохтҳои хидматрасонии ҷамъоварии партов низ алоҳида муҳокима шуд. Нокифоя будани шартномаҳо бо аҳолӣ, инчунин қатъу васлҳои низоми ҷамъоварии партов дар баъзе маҳаллаҳо танқид гардида, барои беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ ва густариши истифодаи низоми пардохти электронӣ чораҳо муайян карда шуданд.

Ҳангоми таҳлил нишонаҳои қарздорӣ аз андоз дар ноҳия қайд карда шуд, ки аз ҷониби баъзе корхонаҳо ва субъектҳои соҳибкорӣ пардохти он сари вақт анҷом дода намешавад. Дар ин самт ба мақомоти андоз супориш дода шуд, ки бо қарздорон ба таври мақсаднок кор баранд, корҳои фаҳмондадиҳиро тақвият диҳанд ва интизомро мустаҳкам намоянд.

Инчунин таъкид гардид, ки омўзиш ва баррасии муроҷиатҳои аҳолӣ, бахусус пешниҳодҳо ва шикоятҳо дар гурўҳи телеграми «Иш беринг» дар сатҳи кофӣ ба роҳ монда нашудааст. Ҳоким ба масъулон дастури қатъӣ дод, ки фаъолияти гурўҳ ҳар рўз мониторинг шуда, ба муроҷиатҳо зуд ҷавоб диҳанд ва натиҷаи амалӣ таъмин гардад.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# ВАЗИФАҲОИ ТАҲКИМИ МИНБАЪДАИ АМНИЯТ ВА МУДОФИА БАРРАСӢ ШУДАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Таъкид гардид, ки дар ҷаҳон низоъҳои гуногуни минтақавӣ вусъат меёбанд, пойгаи мусаллаҳсозӣ шиддат мегирад ва эҳтиром ба арзишҳои умумибашарӣ, меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дипломатияи байналмилалӣ заиф мегардад.

– Як масъаларо бояд хуб дарк кунем. Табиати ҷангҳои муосир комилан тағйир ёфт. Акнун кадом давлат танҳо бо такя ба шумораи танк, ҳавопаймо ё сарбозон ғалаба мекунам гӯяд, сахт иштибоҳ хоҳад кард. Имрӯз ҷангҳо дар асоси зеҳни сунъӣ, идоракунии рақамӣ, воситаҳое, ки аз масофаи дур зарбаи дақиқ мезананд, технологияҳои киберӣ ва роботӣ, инчунин фишорҳои сиёсиву иқтисодӣ ҷараён мегиранд, – гуфт Сарвари давлат.

Аз ин рӯ, таъкид шуд, ки ба арзишмандтарин неъмат табдил ёфтани сулҳу оромиро набояд барои як лаҳза ҳам фаромӯш кард. Барои ҳифзи ин сарват ва пешакӣ посух додан ба хатарҳо, зарурати ба низоми кори «проактив» гузаштани ҳар як соҳа ва шабака ёдовар карда шуд.

Сарфармондеҳи олӣ вазифаҳои муҳимтаринро, ки ба дурнамои оянда нигаронида шудаанд, муайян кард.

Ба такмили минбаъдаи низоми тайёр кардани кадрҳои ҳарбӣ диққати махсус дода мешавад.

– Набояд фаромӯш кард, ки таҷдиди низоми таҳсилоти ҳарбӣ ва тайёр кардани кадрҳо, шарти асосии ташаккули симои нави артиш мебошад, – гуфт Президент.

Зикр гардид, ки хизмати ҳарбии ҳатмӣ на танҳо чун марҳилаи омодагии ҷисмонӣ ва ҳарбӣ, балки барои дар ҷомеа мақоми худро дарёфтани ҷавонон ҳамчун зинаи омода кардани онҳо ба бозори меҳнат ва касби мустақил бояд ташкил карда шавад.

Ба ин хотир, дар артиш низоми комилан нав ҷорӣ мешавад, ки тибқи он ҳар як ҷавон ҳадди ақал соҳиби як касб мегардад. Бо назардошти самт ва ихтисосҳои асосии қисмҳои ҳарбӣ барои бозомӯзии касб ба сарбозон барномаҳои 3–6-моҳа таҳия мешаванд. Аскарҳо пас аз анҷом додани барнома, аз имтиҳони тахассусӣ гузаронида шуда, ба онҳо сертификати касбӣ тақдим мегардад.

Ҳар сол 5 ҳазор сарбоз интихоб шуда, дар доираи барномаҳои «Як миллион барномасоз» ва «Панҷ миллион пешвои зеҳни сунъӣ» таълим дода мешаванд.

Ба сарбозон имконият дода мешавад, ки ҳангоми адои хидмати ҳарбӣ дар худи қисми ҳарбӣ барои дохил шудан ба боргоҳҳои таълими олӣ имтиҳон супоранд. Аскароне, ки аз санҷишҳои тест бомуваффақият гузашта, ба донишҷӯӣ қабул мешаванд, пас аз анҷоми хидмати ҳатмӣ таҳсилро дар донишгоҳ оғоз мекунанд.

Ҳамзамон, барои ҷавононе, ки пас аз хидмат мехоҳанд дар донишгоҳҳо таҳсил намоянд, хароҷоти гирифтани сертификатҳои забонҳои хориҷӣ ва фаннӣ пардохта мешавад. Агар онҳо ба боргоҳҳои таълимӣ дар асоси шартнома қабул шаванд, кредити таълими бидуни фоиз дода мешавад.

Ғайр аз ин, барои таъмини шуғли ҷавононе, ки аз артиш баргаштаанд, имтиёзҳои махсус тақдим мегардад. Аз ҷумла, барои ҷавононе, ки мехоҳанд соҳибкорӣ кунанд, 6 фоизи кредити бонкӣ аз ҷониби давлат пардохта мешавад. Барои ҷавононе, ки мехоҳанд дар ташкилотҳои давлатӣ кор кунанд, амалиёти иловаи 10 фоиз имтиёз дар тестҳое, ки аз ҷониби Агентии самаранокии идоракунӣ гузаронида мешавад, роҳандозӣ мегардад. Ба ҷавононе, ки дар бахши хусусӣ кор кардан мехоҳанд, хароҷоти омӯзиши касб ва гирифтани сертификат пардохта мешавад.

– Бо як сухан, «адои хизмати ҳарбии ҳатмӣ бояд ба роҳи муваффақияти ҷавонон» табдил ёбад, – гуфт Президент.

Таъкид гардид, ки омода кардани мутахассисони баландихтисос дар соҳаҳои муҳандисӣ-техникӣ, амнияти киберӣ ва мубориза бо хуруҷҳои иттилоотӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарин мебошад. Аз ин рӯ, зарурати таҳкими пойгоҳи ҳарбӣ-илмӣ дар самти муҳандисӣ-техникӣ ва таъсиси технопаркҳои ҳарбӣ дар минтақаҳо зикр шуд.

Баробари таҳкими минбаъдаи омодагии ҷангии хидматчиёни ҳарбӣ, мунтазам ғанӣ гардондани ҷаҳони маънавии онҳо низ талаби замон мебошад.

Дар ин раванд китобхонӣ нақши муҳим дорад. Аз ин рӯ, соли ҷорӣ тамоми қисм ва муассисаҳои ҳарбӣ дар маҷмӯъ бо 1 миллион нусха адабиёти бадеӣ таъмин мегарданд.

Дар байни хонандагони мактаб-литсейҳои ҳарбии сохтори Қувваҳои Мусаллаҳ, сарбозони хидмати ҳатмӣ, курсант, сержант ва зобитон барои Ҷоизаи Сарфармондеҳи олӣ озмуни китобхонӣ роҳандозӣ мегардад. Муҳлати хидмати ҳарбии сарбозоне, ки дар озмунҳои сатҳи округ, фармондеҳӣ, вазорат ва Сарфармондеҳи олӣ ғолиб ва ҷоизадор мешаванд, ба як моҳ кам карда мешавад.

Ҳар сол дар байни хидматчиёни ҳарбӣ аз рӯйи зиёда аз 10 навъи анъанавии варзиш, аз ҷумла бисёрҳарба, ҷанги дастӣ ва вазнбардорӣ мусобиқаҳо баргузор мегарданд. Акнун аз соли ҷорӣ аз рӯйи намудҳои муосири варзиш, чун киберспорт, технологияҳои дрон ва робот низ мусобиқаҳо дар се марҳила ташкил карда мешаванд.

– Таҳлили доимии вазъияти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, таҳкими иқтидори артиши миллӣ – талаби имрӯз аст. Артиши Ӯзбекистон бояд ҳамеша барои ҳифзи халқ омода бошад, барои ин чолок, дорои технологияи воло ва ба шароити нави ҷангӣ мутобиқ будани онҳо зарур аст, – гуфт Президент.

Аз ин рӯ, зарурати зоҳир намудани диққати махсус ба муҷаҳҳаз кардани қӯшунҳо бо маҷмуъаҳои роботӣ, ки дар пояи зеҳни сунъӣ амал мекунанд ва системаҳои бесарнишин, техникаи сабуки ҳарбӣ, силоҳу аслиҳаи муосир ва воситаҳои иктишофӣ баён гардид.

Президент ҳамчунин таъкид кард, ки рушди минбаъдаи саноати мудофиа, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ дар корхонаҳои соҳа бояд яке аз вазифаҳои афзалиятнок бошад.

Дар шароити рақамисозии ҳама соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷамъият, таъмини амнияти киберӣ ва устувории инфрасохтори миллии рақамӣ аҳамияти махсус дорад. Аз ин рӯ, ба масъулон супориш дода шуд, ки оид ба таъмини ҳифзи маълумоти шахсӣ ва системаҳои рақамӣ чорабиниҳои маҷмӯиро таҳия намоянд.

– Қадр кардани меҳнати хидматчиёни ҳарбӣ, ҳифзи иҷтимоии аъзои оилаи онҳо ва нафақахӯрони ҳарбӣ бояд ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи мо қарор бигирад, – гуфт Президент ва дар ин самт як қатор навовариҳои муҳимро эълон кард.

Бахусус, аз 1 апрел миқдори иловапулӣ барои хизмати бисёрсолаи афсарони Вазорати мудофиа 2 баробар зиёд карда мешавад. Музди меҳнати сарбоз ва сержантҳое, ки бо шартнома хидмат мекунанд, 10 фоиз меафзояд.

Маоши кормандони ғайринизомии садорат ва шуъбаҳои корҳои мудофиаи минтақавӣ имсол 20 фоиз ва соли оянда боз 50 фоиз зиёд карда мешавад.

Барои низомиёне, ки беш аз 30 сол дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ хидмат кардаанд, миқдори маоше, ки ҳангоми ҳисоб кардани нафақа ба назар гирифта мешавад, аз 75 то 100 фоиз баланд бардошта мешавад.

Ҳамзамон, доираи сохтмони хонаву ҷой барои хидматчиёни ҳарбӣ васеъ мегардад.

Ба масъулон супориш дода шуд, ки лоиҳаи қонунро, ки таъминоти нафақаи хидматчиёни ҳарбиро муайян менамояд, таҳия намуда, ба парлумон пешниҳод кунанд.

Бо назардошти рӯз ба рӯз тағйир ёфтани мазмун ва миқёси хатару таҳдидҳои муосир ва гузошта шудани вазифаҳои бузург дар назди соҳаи мудофиа ва амният, Сарвари давлат зикр кард, ки вақти бознигарии Доктринаи мудофиа, ки ҳашт сол пеш қабул шудааст ва Консепсияи амнияти миллӣ, ки дар соли 1997 қабул гардида буд, фаро расидааст.

Таъкид шуд, ки Доктринаи нави мудофиа бояд мавқеи кишварро оид ба напайвастан ба ягон блоки ҳарбӣ ҳифз карда, такя ба дипломатияи бисёрҷонибаро идома диҳад ва рушдро дар самти стратегия, истиқлолияти ҳарбӣ ва суботи минтақавӣ, ки ба технологияҳои баланд асосноконида шудааст, таъмин намояд.

– Дар маҷмӯъ, доктринаи нав бояд барои навсозии технологии артиш ва ҷорӣ намудани тасмимҳои пешрафтаи ҳарбӣ ҳамчун замина хидмат кунад, – гуфт Президент.

Сарвари давлат дар анҷоми ҷамъомад сарбозон ва сержантҳо, афсарон ва генералҳои диловари Қувваҳои Мусаллаҳ, собиқадорон, аъзои оила ва наздикони онҳоро ба муносибати 34-умин солгарди таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Рӯзи муҳофизони Ватан самимона табрик гуфт.

– Бо шуҷоат, садоқат ба савганд ва фидокории Шумо дар роҳи ҳифзи халқу диёр тамоми миллати мо ифтихор мекунад. Бигзор, дар сарзамини зебои мо ҳамеша сулҳу оромӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ пойдор бошад, Ватани ҷоноҷони мо боз ҳам устувору обод гардад! – гуфт роҳбари давлати мо.

Дар ҷамъомад ҳисобот ва пешниҳодҳои вазири мудофиа, фармондеҳони округҳои ҳарбӣ ва дигар масъулон шунида шуданд.

**ӮзА.**

*Муносибат*

# ҲУҶҶАТЕ, КИ БА ҚАДРУ ҚИМАТИ ИНСОН ВА ФАРОВОНӢ РАВОНА ШУДААСТ

***Лоиҳаи Фармони Президенти кишвар «Дар бораи чораҳои иловагӣ ҷиҳати пайваста идома додани ислоҳот дар доираи самтҳои устувори рушди мамлакат то соли 2030 ва ба марҳилаи нав баровардани онҳо», инчунин Муроҷиатномаи Президент ба Олий Маҷлис ва халқи Ӯзбекистон, ки 26 декабри соли 2025 ироа гардид, бори дигар равшан нишон доданд, ки дар рушди Ӯзбекистони Нав манфиатҳои инсон, адолати иҷтимоӣ ва фаровонии мардум ба меъёри асосии сиёсати давлатӣ табдил ёфтаанд.***

Ислоҳоти васеъмиқёсе, ки солҳои охир амалӣ гардиданд, пеш аз ҳама бо он аҳамият доранд, ки ба беҳтар намудани сифати зиндагии аҳолӣ равона шудаанд. Аз ҷумла, коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ аз 11 фоиз то 5,8 фоиз, поин бурдани сатҳи бекорӣ то 4,9 фоиз, таъмин намудани шуғли аҳолӣ ва густариши низоми ҳифзи иҷтимоӣ далели равшани иҷтимоӣ ва инсонпарвар будани сиёсати давлатӣ мебошад. Дар паси ин рақамҳо тағйироти мусбат дар ҳаёти миллионҳо оила, эътимод ба фардо ва талош ба сӯиояндаи устувор таҷассум ёфтааст.

Дар лоиҳаи Фармон ба соҳаи маориф, бахусус ба сатҳи сифатан нав баровардани низоми таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст, ки ҳамчун самти стратегии хидматрасон ба манфиатҳои халқ намоён мегардад. Ба 80 фоиз расонидани фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ, бо гурӯҳҳои омодагӣ ба мактаб 100 фоиз фаро гирифтани кӯдакон, таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо оби тозаи ошомиданӣ ва инфрасохтори санитарӣ аз ҷумлаи вазифаҳое мебошанд, ки ба фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои ҳар як кӯдак равона шудаанд.

Ҳамчунин, дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ баланд бардоштани сифати таълим тавассути ҷорӣ намудани китобҳои дарсии насли нав, захираҳои рақамии таълимӣ, ҷалби мутахассисони хориҷӣ ва такмил додани низоми арзёбӣ ба тарбияи насли ҷавони рақобатпазир, донишманд ва соҳибкасб дар оянда хизмат мекунад. Ин на танҳо барои соҳаи маориф, балки барои суботи иҷтимоӣ ва рушди иқтисодии тамоми ҷомеа пойдевори мустаҳкам ба шумор меравад.

Тавре ки дар Муроҷиатнома алоҳида таъкид гардид, тағйироти глобалӣ дар ҷаҳон, афзоиши аҳолӣ, равандҳои урбанизатсия, рушди босуръати иқтисоди рақамӣ ва зеҳни сунъӣ аз Ӯзбекистон низ равишҳои тамоман навро талаб мекунанд. Аз ин лиҳоз, навсозии Стратегияи «Ӯзбекистон – 2030» ва муайян намудани нишондиҳандаҳои нави самаранокӣ барои солҳои 2026–2030 имкон медиҳад, ки сиёсати иҷтимоии боз ҳам мақсаднок, дақиқ ва ба натиҷа нигаронидашуда амалӣ гардад.

Муҳимаш он аст, ки дар ин раванд ба роҳ мондани муҳокимаи васеи ҷамъиятӣ, иштироки фаъолонаи вакилон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ эътимоди байни давлат ва халқро боз ҳам таҳким мебахшад. Бо дарназардошти ниёзҳои мардум, мушкилоти воқеии маҳалҳо ва талаботи иҷтимоӣ ташаккул додани қарорҳое, ки қабул мешаванд, яке аз тамоюлҳои асосии ислоҳоти Ӯзбекистони Нав ба ҳисоб меравад.

Дар ҷамъбаст метавон гуфт, ки вазифаҳое, ки дар лоиҳаи мазкури Фармон ва Муроҷиатнома муайян шудаанд, идомаи мантиқии сиёсати давлатӣ мебошанд, ки ба таъмини адолати иҷтимоӣ, қадру қимати инсон ва фаровонии халқ равона гардида, хусусияти халқӣ ва дурнамоӣ доранд. Ин қарорҳо ба пешбурди пайвастаи кишвар ба сӯи рушди устувор ва зиндагии шоиста хизмат намуда, ҳисси ҳаммасъулияти ҳар як шаҳрвандро нисбат ба ислоҳот тақвият мебахшанд ва ҷомеаро дар атрофи ҳадафҳои умумимиллӣ муттаҳид месозанд.

**Ҷасур ҶУМЪАЕВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

*14 январ – Рӯзи муҳофизони Ватан*

# ҲИФЗИ ВАТАН ВАЗИФАИ ҲАР ЯКИ МОСТ

***Ватан дар дили ҳар як инсон маъвои махсус дорад ва маъвои муқаддас аст. Зеро диёри ҷаннатосои дорои боғу роғҳои сабз, кӯҳҳои баланд, дарёҳои равон, шаҳру деҳаҳое мебошад, ки дар он мо метавонем озодона нафас кашем, орзуҳоямонро пурра амалӣ намоем ваояндаи худро созем. Ҳифзи Ватан на танҳо вазифаи Қувваҳои Мусаллаҳ ва ҳарбиён, балки масъулияти муқаддаси ҳар як шаҳрванд мебошад.***

Дар тӯли 34 соли гузашта, Қувваҳои Мусаллаҳи Ӯзбекистон роҳи бузургро паймуда, ба сатҳи баланди касбӣ ва техникӣ ноил гардид. Имрӯз артиши мо бо техникаи муосири ҳарбӣ таҷҳизонида шуда, дорои мутахассисони баландихтисос мебошад. Вай қодир аст, ки тамомияти арзӣ, истиқлолияти давлатӣ ва амнияти миллии кишварро таъмин намояд.

Қувваҳои Мусаллаҳ ин асоси амнияти миллии ҳар як давлат мебошад. Дар шароити кунунии ҷаҳон, ки таҳдидҳои гуногун вуҷуд доранд, нақши артиши қавӣ хеле муҳим аст. Артиши Ӯзбекистон дар таъмини амнияти марзҳо, муқобилаш бо террористон ва экстремистон, ҳифзи объектҳои муҳими давлатӣ ва пешгирии таҳдидҳои ҳарбӣ нақши калидӣ мебозад. Сарбозон ва афсарони мо шабу рӯз хидмат мекунанд, то мо дар осоиштагӣ ва бехатар зиндагӣ кунем, фарзандонамон дар мактабҳо таҳсил кунанд, ҳунармандон эҷод намоянду кишвар инкишоф ёбад.

Ҳар сарбозе, ки дар посбонии марзҳои Ватан меистад, ҳар афсаре, ки масъулияти омодагии ҷангии қисмҳои худро дар дӯш дорад, ҳар як хидматчии Қувваҳои Мусаллаҳ сипари боэътимоди Ватан аст. Онҳо аз хоб ва роҳат даст кашида, бехатариву амнияти моро таъмин мекунанд.

Вале ҳифзи Ватан танҳо масъулияти сарбозон ва афсарон нест. Ин мафҳум маънои хеле васеъ дорад ва кулли шаҳрвандони кишварро фаро мегирад. Ҳар яки мо ба тарзи худ метавонем дар ҳифзи Ватан саҳм гузорем. Ҳифзи Ватан барои толибилмон ва донишҷӯён ин таҳсили аъло, соҳиби донишҳои баланд ва мутахассисони хуб шудан аст. Илм ва маърифат – силоҳи пурқувватест, ки метавонад Ватанро қавӣ ва пешрафта созад. Ҳар як корманд, ки вазифаашро аз сидқи дил иҷро карда, бо меҳнати худ ба баландшавии иқтисодиёти кишвар мусоидат менамояд, ба ҳифзи Ватан машғул аст.

Нақши занон ва модарон низ дар ҳифзи Ватан хеле назаррас аст. Онҳо на танҳо оиларо нигоҳ медоранд, балки насли навро тарбия карда, арзишҳои миллӣ ва анъанаҳои ниёконро ба фарзандон меомӯзонанд. Тарбияи фарзандони ватандӯст, инсонҳои нексират ва меҳнаткаш айни ҳамон ҳифзи Ватан мебошад.

Ҳифзи Ватан ҳамчунин ҳифзи арзишҳои миллӣ ва анъанаҳои ниёкон аст. Мардуми мо таърих ва фарҳанги ғанӣ дорад. Мо ворисони Имом Бухорӣ, Имом Тирмизӣ, Мирзо Улуғбек, Аҳмад Фарғонӣ, Абуалӣ ибни Сино ва дигар бузургони илму фарҳанг ҳастем. Мо бояд натанҳо бо ному насаб ва илму заковати онҳо ифтихор кунем, балки барои ворисι муносиб шудан ва наврасонро дар ин рӯҳия тарбия кардан кӯшиш намоем.

Иқтисодиёти қавӣ асоси муътамади истиқлолият ва амнияти давлат мебошад. Инкишофи иқтисодӣ, боло бардоштани сатҳи зиндагии халқ, эҷоди ҷойҳои нави корӣ, рушди саноат ва кишоварзӣ – ҳамаи инҳо ба мустаҳкам гардидани тараққиёти Ватан мусоидат мекунанд.

Хулоса, ҳифзи Ватан ин на фақат вазифа, балки ифтихор ва шаъну шарафи ҳар як шаҳрванди Ӯзбекистон аст. Ҳар яки мо, вазифадорем, ки новобаста аз касб синну сол, мақом ва мавқеъ барои ҳифзи Ватани азизамон саҳмгузор бошем.

Дар охир мехоҳам тамоми шаҳрвандони кишвари азизамонро ба муносибати 34-солагии Қувваҳои Мусаллаҳи Ӯзбекистон ва Рӯзи муҳофизони Ватан табрику муборакбод намоям.

**Шукруллоҳ СИРОҶ,**
**донишҷӯйи бахши тоҷикии факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Тирмиз.**



*Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «ISSIQ NON-XUJAYLI», воқеъ дар маҳаллаи Муртозабии ноҳияи Хуҷайлии Ҷумҳурии Қароқалпоқистон дар як шабонарӯз тақрибан 3,5 ҳазор дона нон ва маҳсулоти нонӣ истеҳсол менамояд.*

*Дар корхона 15 нафар корманд фаъолият мекунанд. Нонҳои қолабӣ, булочка ва дигар маҳсулоти нонӣ, ки дар ин ҷо тайёр мешаванд, ба нуқтаҳои савдо, инчунин тибқи шартнома ба ташкилотҳои гуногун расонида мешаванд.*

*Дар рӯзҳои наздик бо дастгирӣ ва 300 миллион сӯм қарзи «Ӯзмиллийбонк» васеъ намудани корхона, хариди танӯрҳои нави нонпазӣ ва баланд бардоштани сифат ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти нонӣ ба нақша гирифта шудааст.*

***Дар сурат:*** *лаҳза аз фаъолияти ҶММ «ISSIQ NON-XUJAYLI»-и ноҳияи Хуҷайлӣ.*

***Аксбардор:***
***М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ӮзА).***




# САРДОРОНИ СИПАР

***Дар шаҳри Самарқанд дар доираи моҳонаи ватанпарварӣ таҳти шиори «Қувваҳои Мусаллаҳи миллӣ – сипари Модар-Ватан» зинаи вилоятии озмуни «Сардорони сипар» баргузор гардид.***

Дар чорабинӣ ҷавонони самарқандӣ ширкат варзида, доир ба тайёрии ҳарбӣ-ватандӯстӣ, неруи ҷисмонӣ ва фаъолияти роҳбарӣ истеъдоди худро намоиш доданд.

Хосатан истифода аз аслиҳаи ҳарбӣ, яъне ба қисмҳо тақсим кардани автомати Калашников ва аз сар чидани он хеле шавқангез гузашт. Беҳтарину пешқадамҳо бо туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардиданд.

– Мақсади асосии тадбир, – гуфт сардори гарнизони ҳарбии Самарқанд полковник Шодмон Азизов, – ҷавононро ба дифои Ватан тайёр кардан аст.

Инчунин, дар чорчӯбаи моҳонаи мазкур ҳокими вилоят Адиз Бобоев ба ҳавзаи маркази ҳарбии Самарқанд ташриф фармуда, бо сарбозону афсарон суҳбат орост ва аз хонаҳои омӯзишӣ, толори варзиш, осорхонаи ҳарбӣ дидан кард.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# «РӮЗИ ДАРҲОИ КУШОД» ДАР ҚИСМИ ҲАРБӢ

***Ба қарибӣ дар қисми ҳарбии тасарруфи Округи ҳарбии махсуси «Ҷанубӣ – Ғарбӣ» дар доираи «Моҳонаи ватандӯстӣ» таҳти шиори «Артиши миллӣ – сипари Ватан–модар, посбони сулҳ» бозии интеллектуалии «Заковат» баргузор гардид.***

Дар он 8-то ҷамоа, ки аз байни хидматчиёни ҳарбии хидмати муддатнок созмон ёфтааст, иштирок карданд. Дар ҷараёни баҳсу мунозараҳои шиддатнок иштирокдорони мусобиқа донишу ҳозирҷавобии худро намоиш доданд. Мувофиқи натиҷаи ниҳоӣ ҷамоае, ки сазовори ҷойи аввал шуд, аз ҷониби фармондеҳии Округи марказии ҳарбӣ соҳиби мукофот гардид.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

Ба муносибати 100-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ Рафиқ Нишонов

# ДАРАХТЕ, КИ ТО БӮРОН САБЗ МОНД



***Аз қадим Ватани мо чун сарзамини бисёр азизу авлиё, донишманду адибон, раҳнамою сарварони мардумони кишвар маълуму машҳур аст, ки бештарини онҳо бо кору номи нек, донишу корномаҳои худ дар таърих сабти ном кардаанд. Яке аз чунин инсонҳои қавиирода, ки дар асри XX ҳаёт ба сар бурда, аз худ хотираҳои нек боқӣ гузоштааст, арбоби маъруфи давлатӣ ва дипломати сиёсатмадор Рафиқ Нишонов мебошад.***

Роҳи ҳаётии ин инсони соҳиби қалби бузург ва хидматҳои ӯро ҷиҳати пос доштани дӯстии халқҳо пеши назар оварда, ба ҳақ будани ин гуфтаҳо дубора амин мегардем.

Бояд гуфт, ки номи Рафиқ Нишонов ҳанӯз ҳангоми Котиби бахши идеологияи Комитети Марказии Ҳизби коммунистии Ӯзбекистон буданаш ба мо ошно буд. Баъд чанд сол номи Нишонов дар матбуоти маҳаллӣ нопадид гардид. Пас аз чанде маълум шуд, ки ӯ тӯли ин солҳо дар кишварҳои Шри-Ланка, Малдив ва Ӯрдун ба сифати Сафири Фавқулодда ва Мухтори давлати Шӯравӣ адои хидмат намудааст.

Р. Нишонов дар авҷи солҳои бозсозӣ ба Ӯзбекистон баргашт. Аввал дар вазифаи Раиси Президиуми Шӯрои Олӣ, баъдан ҳамчун роҳбари асосӣ – Котиби якуми Комитети Марказии Ҳизби коммунистии Ӯзбекистон кор кард. Маҳз дар ҳамин солҳо дар тамоми ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ худшиносии миллӣ боло рафт. Мавсуф барои амалҳои шоиста дар таҳкими робитаҳои кишварҳо ва ҳамҷиҳатии миллӣ, ба сифати ливобардори дӯстии халқҳо шӯҳратёр гардид.

Метавон дар ин маврид як мисоли ҳаётиро овард. Дар гузаштаи наздик, ҳангоми дар сари қудрат будани ҳокимияти коммунистӣ ва сохтори сотсиалистӣ халқу миллатҳои мамлакатҳо таҳти шиори «Дӯстии халқҳо поянда бод!» ҳамҷиҳат зиндагӣ, меҳнат ва эҷод мекарданд. Аммо баъд аз «бозсозӣ»-ҳои Горбачёв дар минтақаҳои гуногун ошӯбҳои миллӣ сар заданд. Аз ҷумла, дар Молдова, дар ҷумҳуриҳои соҳили Балтика, Қавқоз ҳамоишҳои гуногун бо даъвоҳои миллатгароӣ рух доданд. Байни Озарбойҷону Арманистон барои Қаробоғи Кӯҳӣ низоъҳо ба миён омаданд. Чунин ошӯбу моҷароҳо Ӯзбекистонро низ дар канор нагузошт. Дар Фарғона байни аҳолии маҳаллӣ ва туркҳои месхетӣ, ки замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) аз минтақаи Қавқоз ба ҷумҳурии мо иҷборан муҳоҷир шуда буданд, ошӯб сар зад. Ва ин низоъ маҳз бо сиёсати оқилонаи роҳбари нави ҷумҳурӣ Рафиқ Нишонов қатъ гардид.

Дар солҳои роҳбарии Нишонов дар Ӯзбекистон барои беҳдошти фарҳангу маърифати тоҷикони муқими кишвар саъю ҳаракати зиёд, корҳои шоиста низ анҷом ёфт. Яке аз амалҳои шоёни таҳсин, ки дар ин солҳо барои аҳли адаби тоҷики Ӯзбекистон рух дод, пас аз давутоз ва саргардониҳои зиёд, маҳз бо дастгирии роҳбари Ӯзбекистон Рафиқ Нишонов дар ҳамкории нашриёти «Адиб»-и Душанбе ва нашриёти «Адабиёт ва санъат»-и ба номи Ғафур Ғуломи Тошканд бо теъдоди 30 ҳазор нусха рӯйи чоп омадани баёзи назму насри эҷодкорони муосири Самарқанд – «Гулдастаи Самарқанд» мебошад. Бинобар ин, метавон гуфт, ки хидмати Нишонов дар нашри нахустин китоби тоҷикӣ дар Ӯзбекистони сотсиалистии замони бозсозӣ фаромӯшнопазир мебошад, ки минбаъд ин ба ҳукми анъана даромада, нашриётҳои Тошканд ва Душанбе китобҳои аксар эҷодкорони тоҷики Ӯзбекистонро рӯйи чоп оварданд ва дар солҳои Истиқлол чунин корҳо доман густурд.

Ин аст, ки ба рӯзгор ва паҳлуҳои фаъолияти ин инсони маърифатпарвар, дипломати моҳир, сиёсатмадори ботаҷриба, марди хайрхоҳу накӯкор таваҷҷуҳи хоса дорам. Ҳар мақолаву маводеро, ки дар бораи мавсуф дар нашрияҳо рӯйи чоп меомаданд, бо шавқ мехондаму мехонам. То ҳол чун дирӯз дар хотир дорам, ки рӯзе дар дасти яке аз равшанфикрони Самарқанд Латифҷон Раҳимов китоберо дидам, ки дар ҷилди он ному насаби Рафиқ Нишонов бо акси нуронияш сабт шуда буд. Китоб «Деревья зеленеет до метели. Рафик Нишанов рассказывает Марине Завада и Юрий Куликову» («Дарахтон то бӯрон сарсабзанд. Рафиқ Нишонов ба Марина Завада ва Юрий Куликов нақл мекунад») ном дошт ва бо забони русӣ дар Маскав нашр шуда буд. Китобро барои мутолиа бо худ бурдам. Бинобар шавқовару ҷолиб будани ёдномаҳои китоб онро дар фурсати кӯтоҳ хондам.

Дар китоб воқеаю ҳодисаҳо аз овони тавлиди Рафиқ Нишонов дар хонаводаи кишоварзони деҳоти кӯҳистони Ғазалкенти атрофи Тошканд оғоз гардида, то солҳои аввали асри бисту як давом мекунад. Дар ҷараёни мутолиа хонанда бо ашхоси гуногун, хислатҳои онҳо, сохтори давлатдорӣ дар солҳои шӯравӣ, вазъи иқтисодӣ ва сиёсии мамлакат, тарзи зисти мардуми маҳаллӣ, арзишҳои миллӣ, дӯстию рафоқат байни мардуми гуногунмиллати Ӯзбекистон шинос мешавад.

Дар китоб мавқеи сафир дар ҳаёти иҷтимоӣ ва робитаҳои тарафайни давлатҳо низ хеле ҷолибу мутаассир инъикос ёфтааст. Ин саҳифаҳо барои сафирон низ ҳамчун дастуруламал хидмат хоҳад кард. Ба як маънӣ, онро энсиклопедия – донишномаи хурди як давраи муайяни таърихи Ӯзбекистон ва китоби дарсии ҳаёт гуфтан ҷоиз аст. Дар он меҳру садоқат нисбат ба волидайн, наздикон, дӯстиву рафоқат, бо муҳаббат хизмат кардан ба Ватан ифодаи худро ёфтааст.

Аз байн чанде гузашта, моҳи сентябри соли 2021 нашри ӯзбекии ин китоби хотираҳои Рафиқ Нишонов – «Дарахтлар бўронгача яшнайди»-ро дар дасти шогирди собиқам Шаҳриёр Рӯзимуродов дидам. Китоб бо ташаббуси яке аз фардони обрӯманди Самарқанд, журналисти маъруф Раҳимҷон Султонов дар нашриёти «Академнашр»-и Тошканд чоп шуда буд.

Шаҳриёр таассуроти худро дар бораи мазмуну мундариҷаи китоб гуфту ман дар бораи, дар бораи хидматҳои Нишонов дар роҳи дастгирии аҳли адаби тоҷик фикр кардам ва изҳор намудам, ки ин китоб бояд ба забони тоҷикӣ тарҷума ва нашр шавад. Зеро он хусусияти энсиклопедӣ дошта, дар китоб бисёр воқеа ва номи шахсони таърихӣ зикр шудааст ва донистани онҳо барои хонандагони тоҷик низ аз манфиат холӣ нест.

Аз байн ду рӯз гузашта, дӯсти деринаам Раҳимҷон Султонов, ки мутасаддии нашрҳои русӣ ва ӯзбекии китоб буд, занг зада гуфт, ки Шаҳриёр ғояи ба тоҷикӣ тарҷума кардани китобро гуфтааст ва ӯ инро ҷонибдор аст. Хоҳиш кард, ки масъалаи тарҷумаро ба ӯҳда гирам. Ин бори масъулиятро ба дӯш гирифтам ва дар фурсати кӯтоҳ тарҷумаро ба анҷом расондам. Китоб аз ҷониби журналисти маъруфи тоҷик, ҷонишини сармуҳаррири рӯзномаи «Овози тоҷик» Тоҷибой Икромов таҳрир гардида, таҳти назари мутасаддии нашр Р.Султонов хеле хушсифат аз нашр баромад ва манзури хонандагон гардид.

Бо як сухан метавон гуфт, ки арбоби давлатӣ ва дипломат Рафиқ Нишонов дар куҷо ва дар кадом вазифа набошад, барои ба олам маълуму машҳур намудани Ӯзбекистони азиз кӯшидааст, дар ҳама ҷой ёди Ватан кардааст ва дар шароити муташанниҷи давлатдории замони шӯравӣ барои ҳифзи сиҳатии мардуми меҳнаткаши мамлакат, бавижа кӯдакон талош намуда, дар шароити муташанниҷи сиёсӣ бобати қатъ кардани моҷароҳои байни миллатҳо саҳм гузоштааст ва барои пойдории сулҳу оромӣ дар кишвар истодагарӣ намудааст, ки ин ҳама шоёни эътироф ва эътиборанд. Месазад ба шарафи 100-солагии зодрӯзи ин марди шариф (14 январ) аз ӯ бо некӣ ёд намоем.

**Аслиддин ҚАМАРЗОДА,**
**Корманди шоистаи фарҳанги Ӯзбекистон.**

*Ду манзара*

## САХОВАТПЕША

Вақте роҳи сафарро пеш мегиред, гувоҳи ҳодисаву воқеаҳои мухталиф мегардед, бо инсонҳои феълу хӯяшон гуногун ҳамсуҳбат мешавед.

Бо духтару набераҳоям рӯзи якшанбе аз Сирдарё ба Тошканд бармегаштем. Рӯз бегоҳ шуда, аз ин рӯ, ҳаракати таксиву автобусҳо қатъ гардида буд. Ҳаво сард, симсим борон меборид.

– Чӣ бояд кард? – рӯ овардам ба духтарам. – Субҳи рӯзи дигар ба роҳ мебароем?

Духтарам фикри маро тасдиқ кард. Сумкаҳоро ба даст гирифта ба роҳи омадаамон баргаштанӣ шудем. Ҳамин вақт марди азимҷуссае ба назди мо омада пурсид, ки ба куҷо рафтанием. Гуфтам: «Ба Тошканд, аммо ягон то таксӣ нест».

– Ман онсӯтар истода будам, шунидам, ки ба тоҷикӣ ҳарф мезанед ва аз набудани таксӣ хеле асабӣ мешудед. Ман низ ронандаи таксиям, дар ҳамин гирду атроф кирокашӣ мекунам. Хавотир накашед, ҳозир ба шинос таксибонҳо занг мезанам, шумоёнро ба манзил мерасонад, – гуфт мард ва илова намуд:

– Шумо аз куҷо?

– Аз деҳаи қаторкӯҳи Нурато, – кӯтоҳакак ҷавоб додам.

– Бобою момои ман ҳам аз ҳамон тарафҳо, – гуфт мард ва рақами чанд нафар шиносҳояшро чида, ба онҳо занг зад. Яке аз онҳо магар розӣ шуд, ки мард гуфт:

– Ба мошини ман шинед, то истгоҳи Бахт мебарам. Аз он ҷо як шиносам шумоёнро ба пойтахт мерасонад.

Аз ғамхории марди бегона дар дилам каме шубҳа пайдо шуд.

– Бародар, ташаккури зиёд, мо қарор кардем, ки субҳ ба роҳ мебароем.

– Ба шумоён кумак карданӣ будам. Ман одами худӣ, бехавотир, – аз шубҳа кардани ман рамуз гирифта сумкаҳоро ба бордони мошинаш ҷойгир кард мард.

Ба истгоҳи Бахт расидем. Мард «ҳозир» гуфту ба тарафи сабукраве, ки дар канори роҳ истода буд, рафт ва ба ронандаи он ким-чиҳоро фаҳмонд. Ронанда розӣ шуд магар, мард омада аз бордони мошинаш халтаҳои моро гирифта, ба бордони он сабукрав гузошт. Ману духтарам ва ду набераам аз мошин фаромадем. Ба марди бегона миннатдорӣ баён намудам ва ду-се сӯм роҳкиро дароз кардам. Мард пулро нагирифт ва «роҳи сафед» гуфту ба мошинаш нишаст.

Ронандаи нав ҷавони хушчақчақ будааст. Раҳораҳ аз ҳар дар суҳбат кардем.

– Холаҷон, чӣ хел сурудро шунидан мехоҳед? – пурсид ӯ.

– Суруди тоҷикӣ, – гуфтам. Ҷавон каме табассум кард ва то расидан ба манзил сурудҳои тоҷикӣ садо доданд.

Вақте то таги дари хона расидем, аз мошин фаромада ба ронанда роҳкиро дароз кардам. Ронанда гуфт:

– Ҳамон марде, ки шумоёнро ба мошини ман савор кард, роҳпулиатонро низ дод.

Ба ронандаи ҷавон сипос намуда, хайру хуш кардем. Ва то ҳол аз он марди ношиноси саховатпеша ҳисси миннатдорӣ мекунам.

## РОҲКИРО

Одатан, рӯзҳои чопи рӯзнома навбатдор, ки масъули мундариҷаи шумора мебошад, то дер дар идора мемонад. Баъди хонда «тоза» кардани саҳифаҳо ба хона рухсат мешаванд. Моҳҳои доман паҳн кардани вируси куруно буд ва сарфи назар аз карантин ҳар рӯз ба коргоҳ мешитофтем.

Рӯзи навбатдории камина фаро расид. Ҳамон рӯз хабарҳои муҳиму сиёсӣ пайи ҳам омадан гирифтанд. То хонда «тоза» кардани саҳифаҳо шаб аз нисф гузашт.

Ба қасди ба хона баргаштан ба кӯча баромадам, дар истгоҳҳо ҳеҷ кас наменамуд. Таксиҳо ҳам як-як гузашта мерафтанд. Ногаҳон марде калавида-калавида дар истгоҳ пайдо шуд. Ба дилам ваҳм афтид ва аз истгоҳ дуртар рафта истодам.

Автомобиле дар рӯ ба рӯям таваққуф кард.

– Апаҷон, ба куҷо? – пурсид ронанда.

– Ба мавзеи «Берунӣ».

– Марҳамат, шинед.

Ронанда он марди ширакайфро низ бо худ гирифт. Мард дар паҳлуи ронанда нишаст. Баъди каме роҳ гаштан боз ду ҷавондухтар ба мо ҳамроҳ шуданд. Каме осуда нафас кашидам. Раҳораҳ бо духтарон суҳбат кардем. Ғарқи суҳбат куҷо фуромадани марди ширакайфро пай набурдаам. Баъди ба манзилам расидан, ба ронанда вақте роҳпулиро дароз кардам, пулро шумурду бо ҷаҳл аз мошин фуромад.

– Апаҷон, роҳкироятон барои чӣ кам? Шумо бояд ба ду нафар пардохт кунед.

– Барои чӣ, боз барои кӣ? – ҳайратомез пурсидам.

– Ба ҳамроҳатон – марди маст, ки роҳпулиро надода пештар аз шумо фаромад. Гуфт, ки «апа мепардозанд». Охир шумоёнро аз як ҷо гирифтам, гумон кардам, ки ...

– Он мардро намешиносам, – гуфтам ва хостам ба хонаам дароям. Аммо ронанда ба ман гӯш намекард, пеши роҳамро гирифта буд.

Роҳкирои марди мастро низ дода, бо дили озурда ба хонаам даромадам.

**Саодат РӮЗИЕВА.**

*Ҷамила Усмоноваи боёвутӣ яке аз омӯзгорони фидоие мебошад, ки дар низоми маориф самаранок кор мекунад. Ӯ солҳои 2004-2008 дар факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Гулистон таҳсил кардааст. Фаъолияти педагогиашро соли 2008 дар мактаби миёнаи рақами 46-уми ноҳияи Боёвут оғоз намуда, айни замон дар мактаби миёнаи рақами 3-юм идома медиҳад.*

*Ҷ. Усмонова дар тӯли 17 соли фаъолияти омӯзгориаш бобати қабул гардидани беш аз 500 нафар хонандагон ба муассисаҳои таълими олии бонуфуз саҳми арзанда гузоштааст. Бо ташаббуси ӯ дар мактаб маҳфили «Қизларҷон» низ ба роҳ монда шудааст.*

*Омӯзгори номӣ соли 2022 ҷоизаҳои озмуни миллии «Алла айтган – етар муродга» ва «Соли зан»-ро ба даст оварда буд.*

***Дар акс:** муаллими фидокори боёвутӣ **Ҷамила УСМОНОВА.***

***Аксбардор: Ш. ОРТИҚБОЕВ (ӮзА).***



*Сафари ҳунарӣ*

# ТЕАТРИ ДРАМАИ ТОҶИКИСТОН ДАР БУХОРО

***Банда гувоҳам, ки театри драмаи ба номи Лоҳутии Душанбе ба Бухорои шариф борҳо сафар кардааст. Шодам, ки солҳои ҳаштодуми асри гузашта ҳангоми ташрифи эҷодии ин ҷамоа ба шаҳри бостонӣ бо амри тасодуф ба гурӯҳи эҷодии ин даргоҳ мулоқот кардаам. Он гоҳ ману додарам, ки тарғибгарони соҳаи маорифи сиёсӣ будем, иштирокдори семинари серӯза дар шаҳри Бухоро будем. Бегоҳӣ огоҳ гардидем, ки ҷамоаи театри ба номи А. Лоҳутии Тоҷикистон ин ҷо ба гастрол омадааст.***

Вохӯриҳои мо бо чанде аз ҳунарпешагони тоҷик, аз ҷумла бо Бурҳон Раҷабов, Тӯра Шоҳимардонов ва дигарон, ки байнашон бухороиён низ будаанд, ба вуқӯъ пайваст. Мо дар театри тобистонаи маҷмааи «Лаби ҳавз» намоишномаи «Интихоби домод»-и Ҳоҷӣ Содиқро тамошо кардем. Вақти истироҳат бо санъаткорон суҳбат оростем.

Ниҳоят баъди солҳои тӯлонӣ бо шарофати сиёсати оқилонаи роҳбарони ду ҷумҳурӣ Ш. Мирзиёев ва Э. Раҳмон алоқаҳои анъанавиамон эҳё гардид.

Хушбахтона, робитаҳои фарҳангӣ, ҳамкориҳоямон рушд меёбад.

Тавре, ки меҳмонон таъкид карданд, чанде пештар мухлисони сурхондарёию самарқандӣ аз ҳунарнамоии онҳо баҳрабардорӣ кардаанд.

Ҳоло бошад, санъаткорони тоҷик ба мақсади намоиш додани намоишномаи «Шамсу Мавлоно» (асари Ҳунарманди шоистаи Тоҷикистон, саркоргардони театр Султон Усмонзода) ба Бухоро ташриф оварданд.

Ҳангоми мулоқот бо ҳунармандон аён гардид, ки онҳо бо мақсади мустаҳкамтар кардани дӯстию бародарӣ ва шод кардани рӯҳи аҷдоди бузургамон, ки рӯзгорашон барои халқҳоямон намунаи ибрат аст, омадаанд.

Мазмуну мундариҷаи намоишнома, ки ба рӯзгори пурпанду ҳикмати хиради Шамси Табрезӣ ва Мавлои Рум вобаста асту дӯстию рафоқат, меҳру оқибат, вафодорию садоқат барин ҷиҳатҳои инсониро дар бар гирифтааст, инро бори дигар собит месозад.

Чи хеле ки Артисти халқии Тоҷикистон Ортиқи Қодир таъкид намуд, ба сарзамине, ки замоне Рӯдакии бузург дар он дӯстиро тараннум карда, гуфта буд:

*Ҳеч шодӣ нест андар ин ҷаҳон,*
*Бартар аз дидори рӯйи дӯстон.*
*Ҳеҷ тахлӣ нест дар дил талхтар,*
*Аз фироқи дӯстони пурҳунар.*

боз қадам ниҳодан барои мо мояи ифтихор аст. Бигзор, дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек абадӣ бошад!

Шоми 8 январи соли ҷорӣ Театри драмаи мусиқии Бухоро намуди идона дошт. Он ҷо намоиши спектакли «Шамсу Мавлоно»-и Театри драмаи ба номи Лоҳутии Вазорати фарҳанги Тоҷикистон сурат гирифт.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

*Адабиётшиносӣ*

# НИЗОМИ ТАБИӢ ДАР ШЕЪР

Нимо Юшиҷ зимни тавзеҳи вижагиҳои шеъри нав менависад: «... Шеъри форсӣ се давраро мумтоз медорад: давраи интизоми музикӣ, давраи интизоми арӯзӣ, давраи интизоми табиӣ».

Манзури эшон аз ин қисмат чунон аст, ки ибтидо шеър таҳти ҳосса (неру)-и мусиқии инсонҳо сурат баст, сипас системаи арӯз ба вуҷуд омаду таърифу танзими назарӣ шуд ва шеър дар қолаби он гирифта шуд ва дар ниҳоят даврони интизоми табиии он фаро расид ва ин давра замонест, ки шоироне чун Нимо бо таваҷҷуҳи бештар ба лаҳни табиии матни шеър даст ба эҷоди тағйироте дар системаи арӯзи суннатӣ заданд ва фазои онро барои ҳаракати озодтари ҷузъҳои матни шеър бозтар намуданд. Аммо арӯз ба сурати навтаре боқӣ монд ва на танҳо радду тарк нашуд, балки имконоти бесобиқаи он рӯйи кор омад.

Ин даврабандӣ низ ба шарти он аст, ки мо кадом ҷанбаи низоми шеърро дар мадди назари аввал қарор медиҳем: мусиқии он, вазни арӯзии суннатӣ ва ё низоми табиии матни шеърро? Дар акси ҳол чунон ки дар бахшҳои пешини ин гуфтор дидем, мусиқӣ ва арӯз дар шеър бо ҳам даромехтаанд ва яке аз дигаре нашъат мегирад ва ин ҳарду он гоҳ натиҷаи матлуб медиҳанд, ки бо табиати матн ва маънову муҳтаво ва руҳияи шеър созгории комил дошта бошанд, яъне табиӣ сурат бигиранд.

Барои он ки ба ниёзи воқеии ҳаракати озоди матн дар таркиби шеър ва сурати табиии он беҳтар пай бибарем, лозим аст ба масъалаи воҳиди шеър дар низоми суннатии арӯз таваҷҷуҳ ва хусусияти он маълум карда шавад. Муҳимтарин ва асоситарин воҳиди шеър дар назми суннатии мо байт (ду мисраъ) буд ва имрӯз ҳам дар навъҳои суннатии шеъри мо дар ҳамон мақоми худ пойдор аст. Байт ҳам ҷузъе аз як асар аст ва ҳам дар таркиби он истиқлоли нисбӣ дорад. Хусусан, дар маснавӣ ва ғазал. Имконоти истиқлоли байт дар муфрадот ба ҳадди камол мерасад ва фард (байт, фардбайт, байти фард, такбайтӣ) ба жанри мустақил, хурдтарин жанри шеъри ғиноии ҷаҳон табдил мешавад. Дар фолклори тоҷик низ (хусусан фолклори водии Фалғару Масчоҳ) аз муҳимтарин жанрҳои ғиноӣ мебошад ва ин амр гӯёи ин воқеият аст, ки истиқлоли байт як амри табиист, на ибтикори назарӣ ва таҷрибаӣ. Имконоти барҷастаи байт боис гардида, ки истилоҳоте чун «шоҳбайт», «байтулғазал» ва... ба вуҷуд биёяд ва байтҳои барҷастаи беҳадду шуморе аз таркиби маснавиҳо, ғазалҳо ва дигар анвои назм берун омада, минбаъд чун як асари мустақил, мисли фард арзи вуҷуд кунанд ва ҳатто ба зарбулмасалу мақол табдил шаванд.

Қолаби муҷази байт, ки аксаран аз 10-12 калима ва камтар аз ин иборат аст, шоирро вомедорад, ки дар ҳамин ҳудуд як мазмунро (ҳамроҳ бо эҳсосот, тасвир ва ғайра) адо намояд ва камтар воқеъ мешавад, ки мазмуни таркибӣ ва дохилии як байт ба байти дигар интиқол ёбад ва вобаста бошад. Ҳунари шоир ҳам дар ҳамин лаёқат хулоса мешуд. Дар таҳсини ин навъ лаёқат аст, ки Иқбол дар шеъри «Чистони шамшер» мегӯяд:

*(Давомаш дар саҳ.4).*

# «ЕВГЕНИЙ ОНЕГИН» ДАР САҲНАИ ТЕАТРИ ТОҶИК

Дар ҷашнвораи ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ яке аз асарҳои классикие, ки дорои бозёфтҳои навини бадеӣ ва эстетикӣ буд, намоишномаи театри таҷрибавии тамошобини ҷавон ба номи Муҳаммадҷон Қосимов – «Аҳорун» «Евгений Онегин» мебошад. Дар замони муосир ва ҷараёни пуршиддати таназзули тамаддуни башарӣ, тағйири босуръати арзишҳо дар саҳна арзи ҳастӣ намудани асари классикии таъсиргузор ба ахлоқи инсонӣ ифодагари нақши беназири санъати театр дар раванди баррасии арзишҳои маънавист.

Асари машҳури Александр Пушкин «Евгений Онегин», солҳои 1824-1831 дар шакли шеърӣ иншо гардида, дар заминаи тасвири таҳаввули иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи ашрофии рус мавзӯъҳои ахлоқӣ, фалсафиро дар бар дорад.

Таҳиягари асар дар саҳнаи театри «Аҳорун» ҳунарпешаи соҳибистеъдод, офарандаи нақшҳои ҷолиб дар театру синамо мунаққиди театр – Гулчеҳра Наимова мебошад, ки ҷустуҷӯҳои тӯлонии эҷодии хешро зимни таҳияи асари мазкур ҷамъбаст намудааст.

Романи манзуми Пушкин, ки диққати саҳнаҳои машҳури ҷаҳониро ба худ ҷалб намудааст, дорои унсурҳои назарраси саҳнавӣ буда, аз назари мо, маҳз ин ҷиҳат яке аз сабабҳои асосии таваҷҷуҳи таҳиягар ба асари мазкур мебошад. Аз ҷумла, муколамаҳои таъсирбахш, ҷанбаи ахлоқӣ, авҷгирии сужет, задухӯрд, забони шево, нуқтаи кулминатсионӣ барои саҳнасозӣ имкониятҳои зиёдеро фароҳам меоварад.

Дар асоси асари мазкур оҳангсози машҳур Чайковский операи маъруфи «Евгений Онегин»-ро офаридааст (1877), ки он саршори лиризми нафис ва ансамбли зебост. Ин опера намунаи олии мутобиқсозии адабиёти классикӣ бо санъати мусиқӣ буда, шуҳрати ҷаҳонӣ дорад. Соли 1946 операи «Евгений Онегин» дар саҳнаи театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнии Душанбе таҳия гардид.

Театршиноси номӣ Низом Нурҷонов дар боби «Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ»-и китоби хеш («История таджикского советского театра», стр. 257-261) асари мазкурро ҳамаҷониба таҳлил намуда, онро дар ташаккули маданияти мусиқии касбии тоҷик ҳодисаи муҳим меҳисобад. Муаллиф душвориҳои ҷараёни таҳияи ин асари маъруфро дар саҳнаи театри опера ва балети тоҷик қайд намуда, роҷеъ ба ҳунари таҳиягарон Р. А. Корох, В. Я. Райнберг, мудири қисми вокал – Е. А. Прокофев, нақшофар Т. Фозилова, А. Муллоқандов, рассом Е. Чемодуров ва дигарон таҳлилҳои муфассал намудаанд. Тарҷумаи М. Аминзода аз рӯйи маълумоти муаллиф хеле шоирона сурат гирифта, бо маънии аслӣ шабоҳат дошт.

*(Давомаш дар саҳ.4).*




*Эраҷ МИРЗО*

## ҚАЛБИ МОДАР

*Дод маъшуқа ба ошиқ пайғом,*
*Ки: «Кунад модари ту бо ман ҷанг.*

*Ҳар куҷо бинадам аз дур, кунад*
*Чеҳра пурчину ҷабин пурожанг.*

*Бо нигоҳи ғазаболуд занад*
*Бар дили нозуки ман тири ханданг.*

*Аз дари хона маро тард кунад,*
*Ҳамчу санг аз даҳани қалмосанг.*

*Модари сангдилат то зиндаст,*
*Шаҳд дар коми ману туст шаранг.*

*Нашавам якдилу якранг туро,*
*То насозӣ дили ӯ аз хун ранг.*

*Гар ту хоҳӣ ба висолам бирасӣ,*
*Бояд ин соат бехавфу диранг.*

*Равию синаи тангаш бидарӣ,*
*Дил бурун орӣ аз он синаи танг.*

*Гарму хунин ба манаш боз орӣ,*
*То барад з-ойинаи қалбам занг».*

*Ошиқи бехираду ноҳинҷор,*
*На, бал он фосиқи беисмату нанг.*

*Ҳурмати модарӣ аз ёд бибурд,*
*Хира аз бодаву девона зи банг.*

*Рафту модарро афканд ба хок,*
*Сина бидриду дил овард ба чанг.*

*Қасди сарманзили маъшуқа намуд,*
*Дили модар ба кафаш чун норанг.*

*Аз қазо, хӯрд дами дар ба замин*
*В-андаке ранҷа шуд ӯро оранг.*

*В-он дили гарм, ки ҷон дошт ҳанӯз,*
*Уфтод аз кафи он бефарҳанг.*

*Аз замин боз чу бархост, намуд*
*Пайи бардоштани он оҳанг.*

*Дид, к-аз он дили оғушта ба хун*
*Ояд оҳиста бурун ин оҳанг:*

*«Оҳ, дасти писарам ёфт харош!*
*Вой, пойи писарам хӯрд ба санг!»*

*Сарнавишт*

# ШОИРЕ, КИ ДУ БОР ДАР СИНФИ ЯКУМ ХОНДААСТ

Соли 1949 барои оилаи Наимӣ сангин омад. Ба модари Раҳимҷон – Султонмоҳ, ки шабона ба ҳавлӣ баромада буд, гурге аз девор гузашта, ҳамла кард. Ӯ аз тарс фарёд зад. Падари фарзандҳояш бо шитоб берун баромад, гург гурехт, вале пас аз ин ҳодисаи ногаҳонӣ Султонмоҳ аз олам гузашт.

Гуфтанд, ки талхааш кафидааст. Се фарзанд – Офият, Раҳимҷон ва Робияи семоҳа бемодар монданд.

Робияи навзод шир мехост. Хешу ақрабо бо нону кулчақанд ӯро ором кардан мехостанд, вале ягон ғизо ҷойи шири модарро пур карда натавонист. Баъди се моҳ Робия низ фавтид... Раҳимҷон гоҳ дар маҳаллаи Қавола, гоҳ бо модаркалонаш Онахон дар гузари Ашӯрмуҳаммади шаҳр зиндагӣ мекард, ба қавле «кабӯтари дубома» буд. Синфи якумро аввал дар мактаби миёнаи рақами 38-уми филиали мактаби рақами 3-юми шаҳри Самарқанд хонд. Аммо, азбаски зиндагияш дар як ҷо устувор набуд, таҳсилро дуруст идома дода натавонист. Аз ин рӯ, соли дигар боз дар синфи якум хонд. Бо вуҷуди ин аълохон буд.

Ҳангоми оббозӣ дар наҳри шаҳр Раҳимҷони даҳсола ба об ҷаҳиду пояш ба чизи сахте хӯрд. Аз дарди ногаҳонӣ беҳуш шуд ва пас аз чанд дақиқа ба худ омад. Дар ин бора ба касе чизе нагуфт, беэътибор шуд. Ҳарчанд дигар дардро ҳис намекард, роҳравиаш андаке тағйир ёфт. Ин боз як сахтии рӯзгори давррони кӯдакии ӯ буд.

Раҳимҷон аз синфи 7-ум ба шеъргӯйӣ руҷӯъ кард. Директори мактабашон Абдураҳмон Ҷумъаев ва роҳбарони синфҳо аз ӯ хоҳиш менамуданд, ки дар ҷамъомадҳо шеъри тозаи худро хонад. Ҳамин тариқ, ба олами адабиёт қадамҳои нахустин гузошт.

Алҳол Раҳимҷон Наимӣ – Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон, узви Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон аст. Солҳои зиёд дар соҳаи таълим заҳмат кашид, зиёда аз 13 сол директори мактаби рақами 5-уми ноҳияи Самарқанд буд. Беш аз 13 сол ҳамчун раиси ноҳиявии ҳизби «Эҳёи миллӣ» фаъолият кард. Солиёни дароз дар шуъбаи маънавият ва маърифати ноҳия низ хидмат намуд.

Муаллифи беш аз 20 китоби назмиву насрист. Намунаҳои эҷодиёташ дар рӯзнома ва маҷаллаҳои Ҳиндустон, ИМА, Туркия, Словения, Италия, Миср, Тоҷикистон ва ғайра ба табъ расидаанд.

Раҳимҷон Наимӣ саробони оилаи намунавист. Бо ҳамсари вафодораш – Мавлуда Наимова панҷ фарзанд: Мунис, Фирдавс, Дилфуза, Ҳасан ва Ҳусейнро ба камол расонадааст. Онҳо айни ҳол бобою бибии 15 набера ва 21 абера мебошанд.

Ин аст порае аз рӯзгори шоире, ки дар як синф ду бор хонд, вале садояш аз марзи кишвар убур кард.

**Дилрабо НАСИМӢ,**
*САМАРҚАНД.*

## МУАРРИФӢ

Рӯзе нависандаи машҳур – Лев Толстой дар кӯчае қадам мезад.

Ногаҳон ӯ ба зане бархӯрд. Зан дарҳол шурӯъ ба дашном додан кард.

Баъд аз он ки зан хуб Толстойро носазо гуфт, Толстой кулоҳашро аз сар гирифт ва бо эҳтиром узр пурсид:

– Бубахшед, ман Лев Толстой ҳастам.

Зан бисёр шарманда шуд ва бо узрхоҳии зиёд гуфт:

– Чаро Шумо худро пештар муаррифӣ накардед?

Толстой ҷавоб дод:

– Шумо ончунон машғули муаррифии худ будед, ки ба ман фурсат надодед.

Тарҷума ва таҳияи
**А. КОМРОН.**

# НИЗОМИ ТАБИӢ ДАР ШЕЪР

(Аввалаш дар саҳ.3).

*Мазмуни ӯ ба мисрае барҷастаи*
*тамом,*
*Миннатпазири мисраи дигар*
*намешавад.*

Яъне истиқлоли маънавӣ, чун шамшер, ки аз як хат иборат аст ва ҳатто ниёз ба хати дигар надорад, рамзи қудрати маънавӣ, эҷоз.

Ин низом дар айни ҳол боис мегардад, ки афкори пароканда муназзам гардад, банду баст шавад, як пайкари воҳид ёбад. Бино бар ин, пешиниён ба назм овардани осори мансурро низ лозим донистаанд ва онро воситае шинохтаанд барои ҳифзу идомати бақои ин осор ва камтар кардани имкони тасарруфот ва дахолат дар онҳо. Абулқосими Фирдавсӣ дар боби назми «Калила ва Димна» аз тарафи устод Рӯдакӣ менависад:

*Гузорандаро пеш биншонданд,*
*Ҳама нома бар Рӯдакӣ хонданд.*
*Бипайваст гӯё парокандаро,*
*Бисуфт ончунон дурри окандаро.*

Зимнан, дар ҳаҷми он ҳазор байте, ки аз устод Рӯдакӣ барои мо боқӣ мондааст, агар ба фарз осори мансур (ба ҳамин ҳаҷм) боқӣ мемонд, оё чунин арзише медошт? Оё ҳама иборат аз ҷумлаҳое комилу тамом ва ҳовии андешаҳое мушаххас мебуд?

Манзури мо дар ин қиёс, албатта, насри муосир нест, ки тартибу низоми ҳунарии хоси худро доро гардидааст.

Он гуна, ки дар мазмуну муҳтаво, дар вазн низ байт воҳиди асосии назм қарор дода шуд ва як байт, агарчи иборат аз ду мисраъ аст, як хатти воҳиди ритмӣ шинохта ба ҷузъҳои ба ҳам пайваставу вобаста тақсим карда шудааст: садр – арӯз (аввалу охири мисраи аввал ва зарб – ибтидо (аввалу охири мисраи дуюм) ва дар миёнаи ҳарду мисраъ – ҳашв. Яъне як доира, ки миёнаи онро ҳашв ташкил медиҳад. Аз ҳамин лиҳоз аст, ки дар нигориши суннатӣ як байтро дар як сатр, мисраъҳоро на дар зери якдигар, балки дар идомаи якдигар менавиштанд.

Воҳиди вазн ва назм қарор гирифтани байт, беш аз он ки ба иқтизои ритму оҳанг ва вазн бошад, ба иқтизои фикру андеша, яъне забон буд. Дар аксари мутлақи мавридҳо як байт як ҷумла аст, бештар ҷумлаи мураккаби пайваст ва тобеъ. Он гуна, ки воҳиди наср ҳам ҷумла аст. Аммо барои ҷумлаи назм ҳудуди ритмӣ (вазн) муқаррар шудааст, ки бо арӯз, қофия ва гоҳо радиф ҳадгузорӣ мешавад, риояти он ҳатмӣ дониста мешавад. Пас, агар дар наср як ҷумла иборат, масалан, аз се калима ва ҷумлаи дигар аз 20 калима ё бештар имконпазир бошад, дар назм, чунон ки пештар ёд шуд, ба иқтизои риояи назму тартиби мушаххаси интихобшуда, шумори калимаҳо бояд ба ҳадде мусовӣ бошад, ки дар оҳангу ритми онҳо (миёни мисраъ ва байт) дигаргунӣ ба вуҷуд наояд.

Муҳимтарин имконе, ки ба шоир дар арӯзи нав даст медиҳад, ҳамин озодӣ аз қайди баробарии ҳатмии рукнҳои мисраъ аст. То бидонем, ки ин чӣ аҳаммият дорад, аз ҷумла аз мавзӯи «ҳашв» бояд ёд бикунем. «Ҳашв» дар шеъри суннатӣ он пораҳои сухан, калимаву ибораро гӯянд, ки бидуни онҳо низ асли матлаби шоир маълум аст ва шоир онҳоро барои пур кардани мисраъ ва байт меорад. Агар дар ин кор шоир ҳунар нишон бидиҳад, метавонад ин афзудаҳоро тарзе ба кор гирад, ки на қубҳ, балки ҳусни шеър шаванд ва ин навъ ҳашвро «ҳашви малеҳ» номидаанд, ки намунаи барҷастааш ҳамин байти Ҳофиз аст:

*Чу бишнавӣ сухани аҳли дил,*
*магӯ, ки хатост,*
*Суханшинос наӣ, ҷони ман,*
*хато инҷост.*

Дар ин байт «ҷони ман» қоидатан ҳашв шумурда мешавад, чун бидуни он ҳам асли матлаби шоир равшан аст. Аммо, ибораи «ҷони ман» дар ин байт на танҳо зиёдӣ ба назар намерасад, балки муҳимтарин ҷузъи шеърсоз аст ва шеърро бо танзи латифе, ки дорад, зинда мекунад. Навъи дигарро «ҳашви миёна» гуфтаанд, ки қубҳи он барҷаста ба назар намерасад, вале лутфу зарофате ҳам дар шеър эҷод намекунад. Навъи сеюм «ҳашви қабеҳ» (бад, зишт) номида шудааст, ки ҷузъе аз байт дар он на танҳо зиёдист, чун нишони заъфи ҳунари суханвар табъро малул месозад. Масалан:

*Ҳар ҷой, ки рахнае ба ҳар*
*деворест,*
*Шояд, ки камини каждуме*
*ё морест.*

Дар мисраи аввал калимаи «ҳар» бидуни ҳеч зарурати маънавӣ такрор шуда, танҳо вазифаи пур кардани мисраъро дорад, биноан ҳашви қабеҳ аст.

Дар арӯзи нав ба баракати озодии миқдори рукнҳо дар мисраъ ин мушкил ва хатари ҳашв аз миён меравад. Як мисраъ метавонад як рукн бошад ва мисраи дигар ҳатто 5-6 рукн ва бештар. Масалан:

*Аё дарё,*
*Аё ойинаи сайёлу поки*
*рӯзгори мо...*

Мақсуди шоир аз мисраи аввал бо ҳамон як хитоб адо шудааст ва чун мехоҳад, хитоби ӯ таъкиди бештаре дошта бошад ва чун дарё образи марказии шеър аст, дар як мисраъ бо ҳамин ду калима (як рукни ҳазаҷ – мафоӣлун) қаноат кардааст. Нодирпур мегӯяд: «... Ва мисол, агар вақте мо мехоҳем ҳарф бизанем, фақат як ҳарф ифодаи маъноро мекунад, ҳамон як ҳарфро мезанем. Яъне, агар ман бо шумо суҳбат мекунам, агар як бор «на» бигӯям, тамоми ҳарфи худамро ба шумо гуфтаам. Таваҷҷуҳ кунед, ҳеч эҳтиёҷ надорам, ки ба ин «на» ҳеч калимаи дигарро биафзоям». Яъне, арӯзи нав шеърро ба гуфтори табиӣ бисёр наздик мекунад.

Аммо набояд пиндошт, ки бо арӯзи нав хатари ҳашв комилан аз байн меравад. Оре, шоир дигар маҷбур нест байту мисраъ пур кунад, аммо дар айни ҳол фазои озоди арӯзи нав (шеъри нав) метавонад шоирро бифиребад ва на танҳо калимаву ибора, балки ҷумлаҳои зиёдиро вориди матни шеър намояд. Масалан, шеъре ба номи «Ҳиммат» дар таҳрири аввал чунин омадааст:

*Мо аз ин андеша, ки мабодо ба*
*назар хурд шавем,*
*Гиряро дар дили худ мебандем,*
*Бо фишори дили худ механдем,*
*То надонанд, ки мо ғамгинем,*
*То нагӯянд, ки мо мискинем.*
*Осмонро, ки чунин биме нест,*
*Бинигар чун ба фиғон,*
*бо фаварон,*
*аз дилу ҷон мегиряд.*
*Шарм бодат, мутакаббир*
*дили ман,*
*Осмон мегиряд!*

Шоир дар таҳрири дигар се мисраъ аз ин шеър (Бо фишори дили худ механдем, То надонанд, ки мо ғамгинем, То нагӯянд, ки мо мискинем)-ро ҳазф мекунад ва мебинем, ки онҳо воқеан, на танҳо ҳеч чошнии шеърие дар ин навишта наафзудаанд, балки комилан ҳашв ва нозарур ҳастанд ва нафаси шеър бидуни онҳо озод мегардад, оҳанги шеър якпорчатар ва матлаб барҷастатар мешавад.

Пас, агар дар шеъри суннатӣ шоир бояд ҳар байтро бисанҷад, биорояд, бипардозад ва пухта кунад, дар арӯзи нав (шеъри нав) ҳар мисраъ, ҳар калимаю иборае, ки истиқлоли нисбии ритмӣ дорад, бояд ҷиддан ва дақиқ аз назари мазмун ва лаҳн озмоиш шавад ва аз зиёдӣ парҳез шавад. Агар дар шеъри суннатӣ хомии як байт то ҷое дар дохили худаш боқӣ монад, дар арӯзи нав (шеъри нав) як калима, ибора ва рукни бемаврид ва нозарур ба сароҳат дар тамоми шеър сироят мекунад ва онро халалпазир месозад. Зеро, чунон ки пештар ёд шуд, ритму оҳанги шеъри нав (арӯзи нав) яклахттар ва воҳидтар аст.

**Рустам ВАҲҲОБ,**
**шоир ва адабиётшинос.**

*Адабиёти ҷаҳон*

# РЕЗАҲИКОЯҲО

*Эл МУЭРТО*
*(нависандаи амрикоӣ)*

### ОМАД

Чашми сарсаригарде яке ба эълони аҷибе, ки дар симчӯби канори роҳ овезон буд, афтид. Дар он навишта шуда буд: «Бинои сеошёна фурӯхта мешавад. Нархаш – 1 доллар».

– Сафсата! – пичиррос зад оворагард.

Кӯчагарди дигаре, ки гуруснаю ташна мегашт, эълонро хонду дар дил гуфт: «Гапи беҳуда!» ва ба роҳаш идома дод. Баъди каме фикр кардан ба эълон таваҷҷуҳаш зиёд шуд. Ғайр аз 1 доллари ҷайбаш дигар чизе надорад, ки аз даст диҳад.

Вақте ба манзили даркорӣ расид, бинои муҳташамеро дид. Занги дарвозаро пахш кард. Онро зани зебои мавзунқомате кушод.

– Мебахшед, аз рӯйи эълон омадам, шӯхӣ, накардед-ку?

– Чӣ мегӯед? Шӯхӣ нест, рост мегӯям.

– Воқеан, нархи хона 1 доллар?

– Барои чӣ тааҷҷуб мекунед? Ба 1 доллар хона харидан мумкин нест магар? Дар зиндагӣ ҳама корро илоҷаш ҳаст.

Кӯчагард аз хурсандӣ дар пӯсташ намеғунҷид ва дарҳол 1 долларро ба зан дароз карда, соҳиби хонаи муҳташам гардид. Бахт ба рӯяш хандида буд, вале мехост донад, ки барои чӣ соҳибхоназан иморати аҷоибро бо нархи ночиз фурӯхтан мехоҳад. Зан бошад, бо табассум гуфт:

– «Ангура хӯру боғаша напурс» гуфтаанд.

Аммо кӯчагард ду пояшро ба як мӯза андохта, сабабашро донистан мехост. Зан гуфт:

– Шавҳари раҳматиам занбоз буд. Аз ин одати ӯ дар давоми зиндагиамон чӣ қадар ба душвориҳо рӯ ба рӯ шуданамро ба шумо дасторхон карда намешинам. Аммо ҳамин хел бошад ҳам, шавҳарамро ҳурмат мекардам. Ҳамсарам ҳангоми реҳлат низ маро сӯзонд. Бино ба васияти марҳум, хонаро фурӯхта, пулашро ба маъшуқааш бояд медодам. Дар сари кор ниҳоят хафа шудам, баъд қарор додам, ки васияти шавҳарамро бояд ба замин нагузорам. Ин эълон ним сол боз овезон аст. Харидори аввалин шумо ҳастед. Аз бахти ногаҳонӣ баҳраманд гардеду зиндагӣ кунед. Худо комёб гардонад. Манзилатон муборак бошад!

Зан калидро ба соҳиби наваш супурда, ба дар рафт.

*Эндрю Е. ХАНТ*
*(Канада)*

### ҚАСАМХӮР

– Додош, «давидани гӯсола то каҳдон» гуфтаанд. Садҳо маротиба гуфтам, ки нанӯш. Ҳамин, ки шаробро дидӣ, ваъдаву қасамҳоятро фаромӯш мекунӣ. Қасамро ҳам бо шароби сабилмонда ҳамроҳ менӯшӣ, чӣ бало?! Илоҳӣ, хонаи ҳамоне, ки ҳамин шаробро баровардааст, сӯзад! – дар дами остона шавҳари ширакайфашро дида инони гиряро сар дод Лора.

– Бас, дигар наменӯшам. Сухани мард якто! – гуфт Дэвид ва ба завҷааш, ки рӯю чашмонаш аз лату кӯби ӯ кабуд шуда буд, нигоҳ кард.

Лораи бечора ба ваъдаи навбатии шавҳар бовар кард...

Аз ӯзбекӣ тарҷумаи
**Саодат РӮЗИЕВА.**

# «ЕВГЕНИЙ ОНЕГИН» ДАР САҲНАИ ТЕАТРИ ТОҶИК

(Аввалаш дар саҳ.3).

Намоишномаҳои муосир зимни таҳияи асари «Евгений Онегин» асосан дар ду равия офарида шудаанд: шакли анъанавӣ, тафсири таърихӣ ва услуби таҷрибавӣ бо истифода аз танзими замонавӣ, равшанидиҳӣ, драматизм ва ҳаракатҳои пластикӣ. Дар тафсири Гулчеҳра Наимова ҳамбастагии ин ду ҷараён ба назар мерасад, ки воқеан моҳияти асари классикиро дақиқ падидор месозад. Аслан сабаби мурочиат ба осори классикӣ фалсафаи амиқу нишонраси он аст, ки имрӯз низ дар ҷаҳони пур аз иттилоъ пайдо намудани маънии зиндагии инсонист.

Осори классикӣ чун қисми ҷудонопазири фарҳанги имрӯзӣ дар зиндагии иҷтимоӣ мавқеи сазовор дорад. Аз ин ҷиҳат, дар ҳаёти маданӣ пайдо шудани ҳар як асари тозаи саҳнавӣ воқеаи таърихист, зеро ҳар як замон қабл аз ҳама тавассути санъат ормонҳои хешро муҷассам месозад. Ба ақидаи санъатшиноси маъруф Козинтсев асарҳои классикӣ ба ҷуз сифати маълум – мувофиқати комили бадеии мазмуну шакл боз як хусусияти муҳимтаринро соҳибанд, барҷастатарини онҳо ҳамеша бо инсоният зиндагӣ мекунад».

Зимни мурочиат ба эҷодиёти Шекспиру Шиллер, Пушкину Толстой, Достоевский театр ҳар дафъа тафсири ҷолиби осори ин санъаткорони бузургро падидор месозад. Бинобар ин, ба таври ба худ хос вижагии образҳои гуногуни адабиёти классикӣ кашф мегардад, ки ин ҷараён чун раванди эҳёи арзишҳое, ки аз маданияти ҷаҳон дастраси мо гардидаанд, ба назар мерасад. Зимнан интихоби осори адабӣ ва тафсири он дар саҳна на танҳо ба талабот ва характери замон, балки ба махсусияти шахсияти санъаткор, истеъдод ва завқу завқи эҷодии ӯ вобастагии қавӣ дорад.

Шахсан ман таҳиягари асари «Евгений Онегин» – Гулчеҳра Наимоваро чун яке аз санъаткороне, ки аз адабиёту санъати Шарқу Ғарб огоҳии комил дорад, мешиносам. Таҳиягар чун яке аз шогирдони пешқадами ҳунарманди номӣ, асосгузори услуби навин дар театри тоҷик – Фаррух Қосимов аз мактаби эҷодии ӯ бархурдор аст ва ҳадафи аслии хешро аз таҷассуми асари мавриди тафсир дақиқ идрок месозад.

Аз ин ҷиҳат, ғояҳои асар ки дар таҷассуми он фалсафаи Шарқу Ғарб ифода ёфтааст (масалан қироату тасвири саҳнаи сандуқ бо рубоиёти Хайём, садо додани мусиқии классикии Бах чун хати асосӣ, тақвият додани сеҳри каломи воло дар асар, таъкиди бузургии шахсияти эҷодкор, арҷгузорӣ ба маърифат) яке аз ҷиҳатҳои ҷолиби таҳияи асари мазкур мебошад. Тасвири китобхонаи муҳташам чун рамзи ҷовидонии донишу фарҳанг дар саҳна низ ба қатори бозёфтҳои василаи тасвирӣ ва ороиши намоишномаи мазкур аст.

«Евгений Онегин» на танҳо шоҳкори шеърӣ, балки асари барҷастаи иҷтимоӣ ва фалсафист, ки дар таърихи адабиёт аҳамияти ҷудогона дорад. Муаллиф дар заминаи воқеияти иҷтимоии Русияи ибтидои асри XIX масъалаҳои иҷтимоӣ, таносуби байни шахсият ва муҳит, садоқату муҳаббат, шинохти моҳияти зиндагии инсонро ба қалам додааст. Онегин дар асар на танҳо «шахсияти бозмонда» ва аз зиндагӣ дилсард, балки инсонест, ки маънии зиндагии хешро меҷӯяд. Дар асар шинохти амиқи ҷаҳони ботинӣ, ҷустуҷӯйи ҳувияти шахсӣ низ мавриди тасвир аст, ки имрӯз низ аз мавзӯъҳои умдаи ахлоқист.

Дар тарҷумаи тоҷикии асар, ки ба қалами Муҳиддин Фарҳат мансуб аст ва соли 1967 анҷом пазируфтааст, дурахшу ҷилои асари классикӣ на танҳо нигаҳдорӣ шудааст, балки бо оҳангҳои марғуби хоси адабиёти Машриқзамин ғанӣ гардидааст.



Дар мақолаи саривақтии рӯзноманигор Одил Нозир, ки ба муносибати нахустнамоиши асари «Евгений Онегин» нашр шуд, роҷеъ ба дастовардҳои намоишнома ва санъати нақшофарии ҳунарпешагон фикру андешаҳои таҳлилӣ баён шудаанд.

Дар намоишнома Муҳибшо Содиқов нақши Онегинро бозидааст.

Татяна – Рухшона Улфатова муҷассамаи назокат аст, ки ин махсусият ба нақши ӯ оҳанги романтикӣ бахшидааст ва моҳияти образи ӯ эҳтиром ба арзишҳои зиндагист. Тафсири боварибахши образи Татяна ӯро дар қатори ҳунарпешагони беҳтарин муаррифӣ намуд ва ҳунарпеша соҳиби ҷоизаи махсуси ҷашнвораи «Парасту» гардид.

Ҷовидон Аминзода дар нақши муаллиф бори ғоявии асарро бар дӯш дорад ва бо лаҳни зебои матн хиради шахсияти эҷодкорро муҷассам месозад. Образҳои дигари намоишнома Ленский – Хайём Самадзода, Олга – Азизаи Файзалӣ, Доя – Сайлон Сафарова, Заретский – Қаҳрамон Олимҷонов, Модар – Лутфия Раҷабова, Анися – Сабрина Амонова, Генерал – Саидҷон Муродов, Гилё – Худобахш Муродов ва дигарон низ дар ансамбли ягонаи асар мавқеи сазовор доранд. Ба назар чунин мерасад, ки олами пурасрори назми классикӣ ва сеҳри сухан маърифати ҳунарпешагонро низ сайқал бахшидааст ва ба онҳо руҳбаландӣ ва эҳтирос ато намудааст.

Дар яке аз навиштаҳо дар саҳифаи иҷтимоии театри «Аҳорун» чунин суханон сабт шудаанд: «Мо боварӣ дорем, ҳангоме ки ҷаҳон дар ғавғои худ гум аст, театр ормонҳои ҳақиқатро ба рӯҳи инсонҳо бо забони дил баён месозад». Воқеан таҳияи асари классикии «Евгений Онегин» дар саҳнаи тоҷик яке аз саҳифаҳои дурахшон мебошад, ки он арҷгузорӣ ба арзишҳои фарҳанги ҷаҳонист.

**Баҳор ХУРРАМЗОД,**
**номзади илми санъатшиносӣ.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
*Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.*

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-128.
Адади нашр 3154. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 01.40

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.